*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА– 055*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ–омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст.**

Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ омили муҳими рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ ба ҳисоб меравад ва нақши он рӯз ба рӯз таҳким ёфта, таъсири он баръалотар зуҳур менамояд. Гузашта аз ин, таъмини ҷараёни истеҳсолот, ҳаҷми пул, ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтҳо, ташаккули таносуб дар соҳаи сармоягузорию истеъмолот ва дар маҷмӯъ рушди бозори пул аз сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт сахт вобаста мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат, мавзӯи тадқиқотии Холов Р. Ш. хело мавзӯи муҳим ва моҳиятнок буда, имкон медиҳад усулҳои иқтисодию омории таъсири монетизатсия ба рушди иқтисодиёти миллӣ такмил дода шуда, кори диссертатсионии Холов Р. метавонад ба сифати як заминаи методологию назариявӣ барои рушди назарияи монетаризм истифода шавад.

Аз матни автореферат бармеояд, ки таҳлили масъалаҳои иқтисодии монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ ва таъсири монетизатсия ба рушди иқтисоди миллӣ ҳадафмандона ва дуруст сурат гирифтааст. Муаллиф ҷанбаҳои назариявии низоми пулӣ ва омилҳои асосии ташакулдиҳандаи динамикаи раванди монетизатсияи иқтисодиёти миллиро хело соддаю фаҳмо ва равшан барои хонанда шарҳ додааст.

Ақидаи муаллиф дар бораи истифодаи модели омилии мултипликативӣ дар шакли ҳисоботи семоҳа барои арзёбӣ ва таҳлили системаи нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз матни автореферат бармеояд, ки муаллиф низоми нишондиҳандаҳои омории монетизатсияи иқтисодиёт, усулҳои андозагирии коэффитсиенти монетизатсияи иқтисодиёт ва манбаъҳои маълумот барои таҳияи низоми нишондиҳандаҳоро хуб медонад ва онҳоро дар тадқиқоташ ба таври васеъ истифода намудааст.

Аз маълумотҳои дар автореферат овардашуда (ҷадвалҳои 1, 2 ва 3) маълум аст, ки хулосаҳои муаллиф аз таҳлилҳои зиёди оморӣ бармеоянд ва

муаллиф ҳадафмандона моделҳои омилии монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин моделҳои аддитивӣ ва мултипикативии монетизатсияи иқтисодиётро ҳамчун воситаи таҳлил истифода намудааст.

Дар автореферат муаллиф зарурияти ислоҳоти низоми пулиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси далелу рақамҳо ва муқоисаи нишондиҳандаҳои оморӣ асоснок намуда, тавассути таҳлили коррелиятсионӣ ва регрессионӣ ошкор ва муқаррар намудааст, ки дар ҳолати зиёдгардонии ҳаҷми қарзҳо қисман қонеъгардии талаботи бахши хусусӣ ва дар мавриди зиёд кардани нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, баръакси ҳолати мазкур ба болоравии сатҳи таваррум оварда мерасонанд.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии дар боло нишондодашуда, автореферат дорои як қатор камбудиҳои ҷузъӣ мебошад, ки моҳият ва мазмуни онро коста намегардонанд:

1. Дар автореферат шарҳи пурраи мафҳумҳои "монетизатсия" ва "монетаризатсия" оварда нашудаанд, бинобар ҳамин барои хонанда навгонии аввали нишондодаи муаллиф нофаҳмо мебошад;
2. Дар матни автореферат (саҳифаҳои 12-16), хусусан дар ҷадвалу диаграммаҳо муаллиф нишондиҳандаҳои гуногунро аз қабили "сатҳи монетизатсия бо %", "коэффитсиенти монетизатсия" ва "монетизатсия"-ро истифода намудааст, аммо фарқияти байни онҳоро шарҳ надодааст. Оё "коэффитсиенти монетизатсия" аз нишондиҳандаи "сатҳи монетизатсия бо %", фарқ дорад? Бузургии ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 1, диаграмаҳои 1 ва 2 як хел нишон дода шудаанд (28,6 дар соли 2019).

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Холов Р. Ш., ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Директори иҷроияи Иттиҳодияи ҷамъиятии "Иқтисод ва маориф", номзади илмҳои иқтисодӣ** — Қодиров Ш.Ш.

Имзои Қодиров Шодибегро тасдиқ менамоям:
муҳосиб ва ассистенти директор
оид ба кадрҳо — Ғайратов Давлат

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ "ИҚТИСОД ВА МАОРИФ"